**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АКАДЕМИЯ**

# ҲИСОБОТ

# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ АКАДЕМИЯИ ВКД ДАР СОЛИ 2018

**Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019 *муҳокима ва* тасдиқ карда шудааст**


**Мураттибон:**
**Сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии Академияи ВКД, подполковники милитсия Каримова Л.М.;**
**Ходими калони илмии ШТИ ва ТН Академияи ВКД, подполковники милитсия Убайдуллозода Ф.А.**


**ДУШАНБЕ 2019**

## ҲИСОБОТИ МУХТАСАР

**оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018**

**Ҳукумати мамлакат дар роҳи татбиқи нақшаҳои стратегии худ ҳамеша ба омӯзгорон ва умуман, ба кормандони соҳаи илму маориф такя менамояд, зеро онҳо дар ҳифзу нигаҳдошти дастовардҳои истиқлолият ва рушди минбаъдаи кишвар нақши пурарзиш доранд.**

***(Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ. Шаҳри Душанбе 30.08.2017).***

Ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ машғул гардида, дар раванди иҷрои Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба натиҷаҳои муайян ноил гардиданд. Соли ҷорӣ ҳайати илмӣ-педагогии Академияи ВКД ҷиҳати рушди илм дар Академия сатҳи мусбиро нигоҳ дошта тавонист.

Саъю кӯшишҳои ҳайати олимони Академияи ВКД бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва техника, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди тадқиқоти илмӣ ва иҷрои як қатор чорабиниҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Академияи ВКД равона гардиданд.

Соли 2018 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли хотирмон ба ҳисоб меравад. 22 марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об - «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид.

16 ноябри соли 2018 агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”, яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги Тоҷикистон дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад оғоз гардид.

Ин рӯйдоди муҳими таърихиро ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД пуштибонӣ намуда, онро ҳамчун дастоварди муҳими таърихӣ баҳогузорӣ менамоянд.

Вобаста ба ин рӯйдодҳои таърихӣ, зери роҳбарии бевоситаи сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Точикистон Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ чорабиниҳои зиёди илмӣ аз қабили конференияҳои сатҳи гуногун ташкил ва баргузор гардиданд, ки дар он шумораи зиёди олимони соҳа ширкат намуданд, аз ҷумла:

- конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Аҳамияту моҳияти нерӯгоҳи барқӣ-обии “Роғун” дар рушди босуботи Точикистон” (ш.Душанбе, 06 декабри с.2018). Ташкилкунанда – кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулодаи факултети № 5;

- конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои истифодаи захираҳои обию энергетикӣ ва экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш.Душанбе, 15 майи с.2018). Ташкилкунанда – кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети № 5;

- мизи мудаввар дар мавзуи “Об барои рушди устувор” барои солҳои 2018-2028 (ш.Душанбе, 06 марти с.2018). Ташкилкунанда – кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети № 5.

- конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор” (2018-2028) ш.Хуҷанд, 25-26 апрели с.2018). Ташкилкунанда – кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 4 ва ғайраҳо.

Соли 2018 ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун “Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардида буд, бо дастгирии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД як қатор чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангиро баргузор намуданд. Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ҷиҳати боз ҳам инкишоф ёфтани ҳисси худшиносию худогоҳии миллии халқи тоҷик саҳми арзанда мегузорад, дар баробари аҳамияти бузурги сиёсию таърихӣ доштанаш, инчунин, аҳамияти калони илмию амалӣ низ дорад.

Дар соли ҳисоботи ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар таҳқиқу омӯзиш, тарғиби таҳкими давлатдорӣ, масъалаҳои мухталифи таърихию фарҳангӣ чорабиниҳои илмию сиёсии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро баргузор намуда дар таҳия, коркард ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълифу омода намудани монографияҳо, нашрҳои илмӣ-амалӣ, китобҳои дастаҷамъона, маҷаллаҳои илмӣ саҳми беандозаи худро гузоштан. Дар ин ҷода чорабиниҳои илмии зерин ба анҷом расонида шуданд:

- мизи мудаввар дар мавзӯи “Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ омили асосии ташаккулёбии фарҳанги миллӣ” бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (ш.Душанбе, 24 апрели с.2018). Ташкилкунанда – кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2;

- семинари илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Масоили рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он” дар партави эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (ш.Душанбе, 20 апрели с.2018). Ташкилкунанда – факултети № 4;

- вохӯрии васеи ҷавонони фаъоли ВМКБ бахшида ба эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (ш.Душанбе, 23 апрели с.2018). Ташкилкунанда – ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҷавонони Академияи ВКД (Самиҳов Б.С. бо маърӯза дар мавзӯи “Гарави ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ”);

- бори аввал таърихи 24 июни соли ҷорӣ семинари илмӣ-сайёрии «Ҳуқуқи инсон: пайдоиш, мафҳум, таърих ва механизмҳои баамалбарорӣ» бо иштироки омӯзгорони Академияи ВКД, хамчунин, донишҷӯёни Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ва мактаббачагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи № 54 ва 87 ш.Душанбе дар боғи Ғалабаи пойтахт аз ҷониби ШТИ ва ТН баргузор гардид;

- баргузор намудани озмуни мақолаи беҳтарин аз 10 сентябр то 20 ноябри с.2018 дар мавзӯи вобаста ба «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар байни курсантони Академияи ВКД (ш.Душанбе, 20 ноябри с.2018). Ташкилкунанда – ШТИ ва ТН Академияи ВКД;

- озмуни «Ҷойҳои тамошобоби Тоҷикистон» бахшида ба «Соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш.Душанбе, 22 феврали с.2018). Ташкилкунанда – ҶИК “Забоншинос”-и кафедраи забонҳои факултети № 2;

- озмуни “Дар ҷустуҷӯи истеъдод” бахшида ба «Соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш.Душанбе, 22 феврали с.2018). Ташкилкунанда – ШТИ ва ТН, Шӯрои кураторони Академяи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо.

Соли 2018 дар асоси қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2018 таҳти №6/2 ва Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2018 таҳти №87 Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-полковники милитсия, муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо унвони илмии "ДОТСЕНТ" аз рӯйи ихтисоси "Ҳуқуқшиносӣ" сарфароз гардонида шуд, ки барои ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД намунаи ибрат ва мояи ифтихор мебошад.

**Рӯйдоди муҳими дигар дар ҷодаи илм ин аз ҷониби профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-полковники милитсия, муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро** санаи 29 декабри с.2018 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дифоъ намудани тадқиқоти диссертатсионии докторӣ дар мавзӯи "Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ)» бо ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, чунин дастовардҳои назаррасни илмии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро ҳайати профессорону омӯзгоронро рӯҳбаланд намуда, кӯшиши онҳоро дучанд мегардонад.

Далели ин гуфтаҳо дар он аст, ки маҳз бо дастгирии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ соли ҳисоботӣ чор корманди Академияи ВКД дар дохил ва хориҷи кишвар ҳимоя намудани рисолаи номзадӣ мебошад. Шахсони зерин рисолаҳои номзадии худро бо муваффақият дифоъ намуданд:

1. **Собирова Мухбирахон Аҳмадовна** – муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 (аз 13-уми декабри соли 2018, бо Фармони 900 х/ш), майори милитсия, тадқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи «Структурно-соматические особенности соматических слов и идиом в поэзии Камола Худжанди» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – забонҳои халқҳои мамлакатҳои хориҷа Аврупо, Осиё, Африка, аборигенҳои Америка ва Австралия (забони тоҷикӣ) зери роҳбарии илмии доктори илмҳои филологӣ Шокиров Т.С. ба анҷом расонида, санаи 03-юми майи соли 2018 тадқиқоти диссертатсионии худро дар Шӯрои диссертатсионии Д 999.116.03 дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ бомуваффақият ҳимоя намуд;

2. **Мирзорустамов Мирзоалишер Мирзоқосимович** – дотсенти кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 (аз 12-уми декабри соли 2018, бо Фармони 894 ҳ/ш), капитани милитсия, тадқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи «Деятельность руководителя территориального органа МВД Республики Таджикистан по предупреждению дисциплинарных правонарушений и преступлений среди личного состава» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ, зери роҳбарии илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сафронов Александр Дмитриевич (Фармон № 448 ҳ/ш аз 16-уми октябри соли 2014) ба анҷом расонида, санаи 25-уми октябри соли ҷорӣ тадқиқоти диссертатсионии худро дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.08 дар заминаи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия бомуваффақият ҳимоя намуд;

3. **Нуралиев Содиқҷон Шарифович** – аз санаи 11-уми декабри соли 2018 бо Фармони № 889 дар ихтиёри шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Собиқ муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти

маъмурии мақомоти корҳои дохилии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, тадқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи «Административно-правовой статус сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан (сравнительно-правовой анализ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси бо ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ, зери роҳбарии илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шевтсов Александр Валеревич ба анҷом расонида, санаи 18-уми декабри соли ҷорӣ тадқиқоти диссертатсиониашро дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.06 дар заминаи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия бомуваффақият ҳимоя намуд;

4. **Бухориев Беҳруз Рустамович** – аз санаи 2-юми октябри соли 2018 бо Фармони № 691 дар ихтиёри шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Собиқ дотсенти кафедраи такмили ихтисоси факултети № 3, капитани милитсия тадқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи «Уголовно-правовые меры предупреждения торговли людьми (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, зери роҳбарии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Мартиненко Наталия Эдуардовна (Фармон № 448 х/ш аз 16-уми октябри соли 2014), ба анҷом расонида, санаи 25-уми декабри соли ҷорӣ тадқиқоти диссертатсиониашро дар Шӯрои диссертатсионии Д 203.002.01 дар заминаи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия бомуваффақият ҳимоя намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2018 Академияи ВКД 5-маротиба ба ҳайси муассисаи пешбаранда барои ҳимояи тадқиқоти диссертатсионии номзадӣ баромад намуд, ки он аз пазируфта шудани Академияи ВКД ҳамчун муассисаи таълимии муваффақ дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ шаҳодат медиҳад. Академияи ВКД ҳамчун муассисаи пешбаранда ба диссертатсияҳои зерин ба Шӯрои диссертатсионӣ тақриз пешниҳод намуд.

**1.** ҳамчун муассисаи пешбаранда ба рисолаи номзадии Саъдизода Ҷаҳонгир дар мавзӯи «Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон» барои дарёфти номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти давлат ва ҳуқуқ (санаи ҳимоя – 19 феврали с.2018) (тақриздиҳанда: Тошев А.М., 26 январи с.2018);

**2.** ҳамчун муассисаи пешбаранда ба рисолаи номзадии Шоев Ф.М. дар мавзӯи «Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали» барои дарёфти номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти давлат ва ҳуқуқшиносӣ (санаи ҳимоя – 25 майи с.2018) (тақриздиҳандагон: Тошев А.М., Алимардонов М.У., 20 апрели с.2018);

**3.** ҳамчун муассисаи пешбаранда ба рисолаи номзадии Аминжонов А.Х. дар мавзӯи: «Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (тақриздиҳандагон – Саидзода З.А., Мансурзода А.М., 20 ноябри с.2018);

**4.** ҳамчун муассисаи пешбаранда ба рисолаи номзадии Неъматуллоев У.Э. дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди интситути нотариат дар Тоҷикистон» (Становление и развитие института нотариата в Таджикистане) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (тақриздиҳанда – Мансурзода А.М., 20 ноябри с.2018);

**5.** ҳамчун муассисаи пешбаранда ба рисолаи номзадии Холинова М.М. дар мавзӯи: «Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского права» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (тақриздиҳанда – Мансурзода А.М., 26 декабри с.2018).

Бояд иброз намуд, ки соли 2018 аз ҷониби сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар ҳаммуаллифӣ монография дар мавзӯи “Организационные и правовые основы взаимодействия органов внутренних дел со средствами массовой информации в сфере противодействия преступности в Республике Таджикистан” омода гардида, аз нашр бароварда шуд, ки дар самти рушди илм ва таълим, инчунин амалияи мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, аз ҷониби ҳайати муаллифон зери назари Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-полковники милитсия, мuҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро китоби дарсии “Мурофиаи ҷиноятӣ” дар ҳаҷми 556 саҳифа омода карда шуд, ки бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №2/24 аз 22 феврали соли 2017 ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ тавсия гардида, соли 2018 бо теъдоди 500 нусха аз нашр бароварда шуд.

Соли ҳисоботӣ аз ҷониби ҳайати муаллифон зери таҳрири сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ва профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ воситаи таълимии “Сиёсати зиддикоррупсионӣ” дар ҳаҷми 800 саҳифа омода карда шуда, бо теъдоди 300 нусха аз нашр бароварда шуд.

Ғайр аз ин, як қатор олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастовардҳои илмии худ Академияи Вазорати корҳои дохилиро байни олимони ИДМ муаррифӣ намуданд. Ҷиҳати амали намудани қарори Мушовараи якҷояи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Солиев Карим Ҳоҷиевич, Сафаров Ҳаётҷон Сайдамирович, Тошев Амиршоҳ Мансурович, Юлдошев Рифат Раҳмадҷонович, Каримова Лилия Мухтоҷевна ва Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар якҷоягӣ бо олимони Институти ВКД Уфаи Федератсияи Россия “Шарҳи таҳлилиро дар мавзӯи “Актуальные проблемы противодействия экстремистской деятельности в Российской Федерации и Республике Таджикистан”” дар ҳаҷми 270 саҳифа ба нашр расониданд.

Дар Академияи идоракунии ВКД Россия аз 15-уми май то 15-уми октябри соли 2018 озмуни байналмилалии «Китоби илмӣ» баргузор гардид. Дар озмуни мазкур 16 муассисаҳои таълимии ВКД Россия, бахши Донишгоҳи прокуратураи Россия дар ш.Иркутск, инчунин, 8 намояндаи Академияҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон, Беларус, Донишкадаи ВКД Ҷумҳурии Беларус дар ш.Могилев иштирок намуданд. Бояд зикр намуд, ки мақсади гузаронидани озмун дар тарғиб намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, инчунин мустаҳкам намудани алоқаҳои эҷодӣ байни ҳайатҳои муаллифон ва мактабҳои илмии муассисаҳои таълимӣ ва илмии Россия ва кишварҳои хориҷӣ муайян карда шуда буд.

Дар номинатсияи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва криминалистика» таҳқиқоти монографии сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Р.Р. Юлдошев ва профессори Донишгоҳи прокуратураи Россия дар ш.Иркутск д.и.ҳ., профессор Е.В. Рогова дар мавзӯи «Кирдори ҷиноятӣ дар низоми тамоюлҳои муосири сиёсати ҷиноятӣ» («Уголовный проступок в контексте современных тенденций уголовной политики») ҷойи дувумро ишғол намуда, бо супоридани дипломи дараҷаи II сазовор дониста шудаанд.

Инчунин, дигар монография ва нашри илмӣ-амалии ҳайати муаллифони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Батанзимдарории ҳуқуқии ваколати суд оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ: муаммоҳо ва дурнамо» («Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела:

проблемы и перспективы») ва «Ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» («Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.)» ҷоизадори озмуни мазкур гардиданд.

Ин дастоварди навбатӣ боиси ифтихору сарбаландии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон низ гардид.

Тибқи Фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия “Оид ба додани унвони илмии дотсент ва супоридани аттестат оид ба додани унвони илмии дотсент” аз 12 апрели соли 2018 таҳти №392 ба сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Юлдошев Рифат Раҳмадҷонович унвони илмии дотсент тақдим карда шуд.

Бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2018 маҷаллаи илмии «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Труды Академии МВД Республики Таджикистан») ба «Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки дар онҳо натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои ҳимояи диссертатсияҳо аз рӯи самти омода кардани доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм интишор мегарданд» ворид гардид, ки он метавонад дастовардҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар кишвар муаррифӣ намояд.

Соли ҳисоботӣ боз бо он хотирмон гаштааст, ки собиқ муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати нозиротӣ-ташкилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия Солиев Карим Ҳоҷиевич бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 9 ноябри соли 2018 ба рутбаи олии махсус – генерал-майори милитсия сазовор гардид.

Инчунин бори аввал дар таърихи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ мутобиқи банди 5.1 Нақшаи кори Ассотсиатсияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ оид ба тайёр намудан, баланд бардоштан ва такмили ихтисоси ҳайати роҳбарикунандаи МКД/Политсия **санаҳои 23-24 майи соли 2018 дар Академияи ВКД Спартакиадаи V-уми ҳарсолаи Ассотсиятсияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ оид ба тайёр намудан, баланд бардоштан ва такмили ихтисоси ҳайати роҳбарикунандаи** МКД/Политсия, баргузор гардид. Дар чорабинӣ дастаҳои варзишӣ аз Академияи идоракунии ВКД Россия ва Академияи ВКД ш.Карагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б.Бейсенов, инчунин, ду дастаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби афсарон ва курсантон иштирок намуданд. Дар Спартакиадаи мазкур сардори Академияи идоракунии ВКД Россия, генерал-лейтенанти политсия Конев А.Н., сардори Донишкадаи маълумоти баъдидонишгоҳии Академияи ВКД ш. Карагандабудаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б. Бейсенов, полковники политсия Уметов Алижан Уметович, ёрдамчии сардори Академияи идоракунии ВКД Россия оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, роҳбари гурӯҳи равобити байналмилалӣ, майори политсия Агафонов М.В., омӯзгори калони кафедраи ташкили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи идоракунии ВКД Россия, подполковники политсия Ханнанов Р.Р., шунавандаи факултети тайёр намудани роҳбарони мақомоти корҳои дохилии минтақавии Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия, майори политсия Радионов Д.В. ва омӯзгори калони кафедраи мурофияи ҷиноятии Донишкадаи маълумоти баъдидонишгоҳии Академияи ВКД ш. Карагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б. Бейсенов майори политсия Рахимов Серик Сапарович ва дигарон иштирок намуданд.

Спартакиадаи V-ум 23 майи соли 2018 бо тантана кушода шуд. 24 май дар маҷмааи варзишии ВКД «Динамо» Спартакиадаи V-уми ҳарсолаи аъзоёни Ассотсиатсияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ намудҳои варзишии тенниси рӯимизӣ, шоҳмот ва сангбардорӣ оғоз гардиданд. Дар бозии шоҳмот ҷойи аввалро омӯзгори калони кафедраи ташкили фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи идоракунии ВКД Россия, подполковники политсия Ханнанов Р.Р. гирифта, ҷойи дуюмро сардори шуъбаи таълимии Академияи ВКД, полковники милитсия Одиназода А.Ш., ҷойи сеюмро омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академияи ВКД ш.Карагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б.Бейсенови, майори политсия Рахимов С.С. сазовор гаштанд. Дар чараёни мусобиқаи варзишӣ аз намуди тенниси рӯйи мизи омӯзгори Академияи ВКД, лейтенанти калони милитсия Толибов Н. ғолиби ҷойи аввал, ҷойи дуюмро ёрдамчии сардори Академияи идоракунии ВКД Россия оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, роҳбари гурӯҳи равобити байналмилалӣ, майори политсия Агафонов М.В. ва ҷойи сеюмро бошад, курсанти курси 2 факултети № 2 Академияи ВКД, милитсияи қаторӣ Баёзов А. гирифтанд. Дар мусобиқаи варзишӣ аз намуди сангбардорӣ омӯзгори Академияи ВКД, лейтенанти милитсия Раззоқов Н. ҷойи аввалро ишғол намуда, шунавандаи факултети тайёр намудани роҳбарони мақомоти корҳои дохилии минтақавии Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия, майори политсия Радионов Д.В. ба гирифтани ҷойи дуюм сазовор гардид. Инчунин, дар ин намуди мусобиқа курсанти курси 4 факултети № 2 Академияи ВКД, милитсияи қаторӣ Неъматов М. ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф гардид. Миёни чор дастаи варзишӣ сабқат ҷамъбаст гардида, мақоми аввал ба варзишгарони Академияи ВКД ҶТ, ҷойи дуюм ба намояндагони Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия ва ҷойи сеюм ба варзишгарони Академияи ВКД ш.Карагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б.Бейсенов муяссар гардид. Дар охири Спартакиада ба иштирокчиён аз номи роҳбарияти ВКД ва Академияи ВКД Ҷом, медалҳо ва Ифтихорномаҳо тақдим карда шуданд.

Инчунин соли ҳисоботӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва Акдаемияи ВКД курсантони Академия фаъолона дар озмунҳои гуногун иштирок намуданд, ки боиси хурсандист. Пеш аз ҳама боиси сарбаландист, ки курсанти курси 3 факултети № 4 Давлатзода М.Х. дар озмуни вилоятии “Ҷавонон – рушди илм, завқи бадеӣ ва худшиносии миллӣ”, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ташкил гардида буд, иштирок намуда, ба гирифтани стипендияи Раиси вилояти Суғд барои соли таҳсили 2017-2018 мушарраф гардид (ш.Хуҷанд, вилояти Суғд, 23 майи с.2018).

4 октябри с.2018 курсантони Академияи ВКД дар даври хотимавии озмуни ҷумҳуриявии забономӯзӣ миёни ҷавонони то синни 35-сола дар самти забонҳои хориҷӣ аз ҷумла, англисӣ ва русӣ, ки дар ш.Душанбе аз ҷониби Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок намуда, ҷойҳои ифтихориро соҳиб гардиданд. Қурбоналӣ Сафарзода - курсанти курси 2 факултети № 2, ҷойи сеюм дар самти забони англисӣ (бо маблағи 2 (ду) ҳазор сомонӣ), Урунова Нилюфар – курсанти курси 5 факултети № 4, ҷойи дуюм дар самти забони русӣ (бо маблағи 3 (се) ҳазор сомонӣ) ва Саидов Усмоналӣ - курсанти курси 2 факултетит № 2 – ҷойи сеюм дар самти забони русӣ (бо маблағи 2 (ду) ҳазор сомонӣ) сарфароз гардонида шуданд.

Инчунин қобили қайд аст, ки 8 ноябри с.2018 курсанти курси 4 факултети № 5 Ҳабибов Ҳ.Т. дар барнома-озмуни ҷумҳуриявии “Студияи ровиён” барои дарёфти чеҳраҳои нави санъати зебои суханварӣ, сухандонӣ ва лаҳну гуфтори ширин, ки аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида буд, иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал ва дипломи дараҷаи 1 гардид.

Оид ба фаъолияти Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 чунин иброз карда мешавад, ки дар соли ҳисоботӣ 10 ҷаласа ва 71 масъала баррасӣ гардида, 153 қарор қабул карда шуд, ки ҷиҳати ба танзим даровардани раванди таълим ва илм дар Академияи ВКД мусоидат намуд. Оид ба иҷроиши бандҳои қарори Шӯрои олимон охири соли таҳсил аз ҷониби котиби Шӯро маълумоти муфассал пешниҳод карда мешаванд.

**Дар умум вобаста ба иҷроиши Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 корҳои зерин ба анҷом расонида шудааст:**

## ФАСЛИ 1
## НАҚШАИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ АЗ ҲИСОБИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ МАБЛАҒГУЗОРИШАВАНДА

Соли 2018 дар Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон **дар ду мавзуъ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ** фаъолият ба роҳ монда шудааст, ки онҳо хусусияти дарозмӯҳлат дошта, аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

**Мавзӯи 1-ум** бо номи «Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016-2020)» («Политико-правовые и информационные аспекты правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан (2016-2020 гг.)») барои 5 сол пешбинӣ шуда, **аз ду фасл иборат аст:**

**1.** «Мукаммалгардонии асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Совершенствование нормативных основ и правоприменительной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»);

**2.** «Дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Информационная поддержка деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»).

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти ҳуқуқшиносӣ ва физика-математика ва техника ба ҳисоб мераванд.

**Дар доираи фасли 1** мавзӯи зикршуда, ки «Мукаммалгардонии асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, 1-нафар доктори илм, 11-нафар номзадони илм ва 1-нафар тадқиқотчӣ бе дараҷаи илмӣ фаъолият намуда истодаанд.

**Иҷрокунандагони фасли 1:** Шарифзода Ф.Р., Солиев К.Ҳ., Саидзода З.А., Сотиволдиев Р.Ш., Сафаров Ҳ.С., Нозиров Н.А., Раҳмадҷонзода Р.Р., Арипов А.Л., Насуриён П.А., Ализода А.Ш., Одиназода А.Ш., Хайруллоев Ф.С. ва Каримова Л.М. мебошанд.

### ДАСТОВАРДҲОИ МАВЗӮИ ИЛМӢ

| Р/т | ««Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2016-2020)<br>Фасли 1. **«Мукаммалгардонии асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон»»** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Муқоиса:** | | | |
| | | **соли 2018** | **соли 2017** | **соли 2016** | **дар умум:** |
| 1. | Монография | 3 | 2 | 9 | 14 |
| 2. | Китобҳои дарсӣ | 1 | 5 | 1 | 7 |
| 3. | Нашрҳои илмӣ-амалӣ | 10 | 5 | 8 | 23 |
| 4. | Дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ | 4 | 5 | 5 | 14 |
| 5. | Мақолаҳои илмӣ | 33 | 38 | 36 | 107 |
| 6. | Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии академиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | 38 | 29 | 7 | 74 |
| 7. | Пешниҳодот ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо | 27 | 42 | 72 | 141 |
| | **Ҳамагӣ:** | 116 | 126 | 138 | 380 |




**Дар доираи фасли 2** «Дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1-нафар академики АИ ҶТ, 2-нафар докторони илм, 3-нафар номзадони илм ва 6-нафар тадқиқочӣ бе дарачаи илмӣ фаъолият намуда истодаанд.

**Ичрокунандагони фасли 2:** Ғафуров М.Ҳ., Усмонов З.Ҷ., Ҷӯрабаев Ғ., Мирзоахмедов Ф., Исмоилов М.А., Умаров М.А., Аликулов А.Р., Комилов Ҷ., Маъруфиён Б.М., Сатторзода А.С., Холов Б.М. ва Акбарзода А.А. мебошанд.

**ДАСТОВАРДҲОИ МАВЗӮИ ИЛМӢ**

| **Р/т** | ««Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2016-2020)<br>Фасли 2. **«Дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон»:** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Муқоиса:** | | | |
| | | **соли 2018** | **соли 2017** | **соли 2016** | **дар умум:** |
| **1.** | Монография | - | 2 | - | 2 |
| **2.** | Китобҳои дарсӣ | - | 1 | - | 1 |
| **3.** | Дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ | 1 | 1 | 2 | 4 |
| **4.** | Мақолаҳои илмӣ | 6 | 14 | 17 | 37 |
| **5.** | Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии академиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | 10 | 10 | 20 | 40 |
| **6.** | Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии сарчашмаҳои иттилоотӣ | 4 | - | - | 4 |
| | **Ҳамагӣ:** | 21 | 28 | 39 | 88 |




**Мавзӯи 2-юм.** Мавзӯи илмии «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва ҳуқуқии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» (солҳои 2016-2020) («Социально-психологические и правовые аспекты девиантного поведения молодёжи в контексте трансформирующегося общества» (2016-2020 гг.), ки аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад дар доираи он шурӯъ аз соли 2016 олимони Академия тадқиқотҳои илмӣ гузаронида истодаанд. Дар доираи мавзӯи зикршуда 1-нафар доктори илм, 9-нафар номзадони илмҳо ва 4-нафар тадқиқотчи бе дараҷаи илмӣ фаъолият намуда истодаанд. Иҷрокунандагони мавзуъ: Мансурзода А.М., Ҷӯраев Р.З., Шоисматуллоев Ш., Давлатшоева А.Ш., Ҳайдарзода Ш.Х., Маҳмадов С.А., Ҳусейнзода С.Ҳ., Самиев Н.М., Амрудинзода М.А., Асламов Б.С., Самиҳов Б.С., Хабирова Т.А. ва Ашуров Б.Х. мебошанд.

**ДАСТОВАРДҲОИ МАВЗӮИ ИЛМӢ**

| **р/т** | **«Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва ҳуқуқии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» (солҳои 2016-2020) («Социально-психологические и правовые аспекты девиантного поведения молодёжи в контексте трансформирующегося общества» (2016-2020 гг.)** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Муқоиса:** | | **соли 2018** | **соли 2017** | **соли 2016** | **дар умум:** |
| **7.** | Монография | 1 | 1 | 2 | 4 |
| **8.** | Нашрҳои илмӣ-амалӣ | 1 | - | - | 1 |
| **9.** | Дастури таълимӣ | 2 | - | 2 | 4 |
| **10** | Дастури таълимӣ-методӣ | - | 1 | 10 | 11 |
| **11** | Мақолаҳои илмӣ | 10 | 11 | 22 | 43 |
| **12** | Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии академиявӣ | 9 | 13 | 19 | 41 |
| **13** | Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ | 11 | 24 | 18 | 53 |
| **14** | Маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ | 6 | 2 | 4 | 12 |
| **15** | Пешниҳодот ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо | 11 | - | 15 | 26 |
| | **Ҳамагӣ:** | 51 | 52 | 92 | 195 |




## КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ФАКУЛТЕТҲО ВА КАФЕДРАҲОИ АКАДЕМИЯИ ВКД

**САМТИ МАЗКУР** яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия – нашр намудани маводи илмию таълимӣ-методӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби шахсан Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва роҳбарияти Академияи ВКД оид ба нашри маводи илмӣ, амалӣ, таълимӣ-методӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад. Дар соли 2018 теъдоде аз монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои (воситаҳои) таълимӣ ва методӣ аз чоп баромада, пешкаши профессорону омӯзгорон, кормандони амалия, курсантон ва шунавандагон гардиданд. Нашри китобҳои дарсӣ барои курсантон ва шунавандагон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳайати профессорону омӯзгорон ба шумор рафта, барои баланд бардоштани сатҳи дониши курсантон ва шунавандагон пояи хуберо ташкил медиҳад.

Миқдори умумии нашри маводи илмию методии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли ҳисоботӣ 312 номгӯйро ташкил медиҳад (дар ҳамин давраи соли 2017-345 номгӯй), аз ҷумлаи онҳо:

| № | Номгӯи мавод | Интишор дар соли 2018 | Интишор дар соли 2017 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Монография | 4 | 8 | -4 |
| 2. | Китоби дарсӣ | 1 | 5 | -4 |
| 3. | Нашри илмӣ-амалӣ | 16 | 14 | +2 |
| 4. | Дастури (васоити) таълимӣ | 11 | 16 | -5 |
| 5. | Дастури таълимӣ-методӣ | 25 | 16 | +9 |
| 6. | Мақолаҳои илмӣ | 115 | 98 | +17 |
| 7. | Корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки дар ҳисоботи соли 2017 бо сабабҳои гуногун ворид нашудаанд | 14 | 1 | +13 |
| 8. | Барномаҳои таълимӣ | 13 | 16 | -3 |
| 9. | Тақризҳо, хулосаҳо | 102 | 169 | -72 |
| 10. | Тақризи муассисаи пешбаранда | 5 | 1 | +4 |
| 11. | Автореферат | 6 | 1 | +5 |
| | Ҳамагӣ: | 312 | 345 | -33 |







**Самти дуюми фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД** – ин тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-педагогӣ маҳсуб меёбад, ки ин раванд сол то сол бо муассисаҳои олии хориҷиву дохилӣ густариш пайдо намуда, барои пешрафти фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД мусоидат менамояд.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути шуъбаи **адъюнктура** фаъолияти тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогиро амалӣ мегардонад.

Боиси ёдоварист, ки соли ҳисоботӣ чихеле, ки дар боло иброз гардид 5 нафар адъюнктону докторантони Академияи ВКД бо муваффақият тадқиқотҳои диссертатсионӣ (4 нафар) доктории (як нафар) худро дар шӯроҳои диссертатсионии дохилу хориҷи кишвар дифоъ намуданд.

Ҳоло дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмии зерин тайёр карда мешаванд:

- 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ;
- 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ;
- 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ;

- 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ;
- 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Яке аз шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ ин докторантура мебошад.** Бо мақсади омода ва ҳимоя намудани тадқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз ҳисоби кормандони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон **4 нафар** аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун ҳамчун докторант-унвонҷӯ, тадқиқоти илмӣ гузаронида истодаанд.

Бинобар сабаби гузаштани муҳлат шаш нафар докторантон Муҳаммадӣ И.С., Умари Х.А., Мирзоев С.Б., Сафаров Ҳ.С., Юлдошев Р.Р. ва Алимардонов М.У. аз Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ барои соли 2019 бардошта шуданд. Албатта бо сабаби гузаштани муҳлат ва аз ҷониби онҳо омода ва ҳимоя нагардидани тадқиқотҳои диссертатсионии докторӣ як андоза камбудӣ ва иҷро нагардидани Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро дар солҳои 2015-2018 аз худ мегузорад ва зарур аст дар ин самт кор ҷоннок карда шавад.

**Яке аз шакли дигари тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ ин адъюнктура мебошад.**

Дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курси дуюм **7 (ҳафт)** нафар дар шакли таҳсили ғойибона аз рӯйи се ихтисоси илмӣ таҳсил доранд, ки аз онҳо **2 (ду)** нафарашон шартномавӣ мебошанд.

Дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курси сеюм **6 (шаш)** нафар аз рӯйи чор ихтисоси илмӣ таҳсил доранд, ки аз онҳо **2 (ду) нафарашон рӯзонаи буҷавӣ** ва **4 (чор) нафари дигарашон ғойибонаи буҷавӣ** мебошанд.

**Адъюнктони курси чорум дар маҷмуъ 10 нафар буда аз онҳо (замони қабул: январи соли 2015)** бошад **4 нафар** аз рӯйи се ихтисоси илмӣ тариқи ғойибона таҳсил доранд, ки аз онҳо **1 (як) нафарашон шартномавӣ** мебошад.

**Адъюнктони соли таҳсили чорум** (замони қабул: ноябри соли 2015)**,** ки **6 (шаш) нафар** (ду нафар шартномавӣ) аз рӯйи **4** ихтисоси илмӣ таҳсил доранд, мавзӯъ ва самти тадқиқоти илмии худро муайян намуда, корҳои илмӣ-тадқиқотии худро идома дода истодаанд.

**Ҳамин тариқ, айни замон дар адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 (бисту се) нафар адъюнкт (занҳо – 3 нафар) таҳсил доранд, аз ҷумла:**

- рӯзона-буҷавӣ – 2 (ду) нафар;
- ғойибона-буҷавӣ – 17 (ҳабдаҳ) нафар;
- ғойибона-шартномавӣ – 4 (чор) нафар.

**Бояд қайд намуд, ки соли ҷорӣ 2 (ду) нафар корманди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо сабаби ба охир расидани муҳлати таҳсил ва дар муҳлати муқarраршуда тадқиқоти диссертатсионии номзадии худро омода ва ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод накарданд, бинобар ин онҳо аз шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуда, ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба шуъбаи кадрҳои Академия ирсол карда шуданд.

**1. Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад** – хатмкунандаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия, мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониаш «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣва квалификатсияи ҷиноятҳоли хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**2. Саидова Меҳрубон Акбархоновна** – хатмкунандаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – собиқ сардори кабинети кафедраи ҳуқуқи граждании факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти милитсия, мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониаш «Уголовная ответственность за

доведения до самоубийства» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Шакли дигари тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ин омода ва ҳимоя намудани тадқиқоти диссертатсионӣ ба таври унвонҷӯй, яъне аз истеҳсолот ҷудо нашуда мебошад.** Дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли мазкури тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Чунончӣ, дар кафедраҳои мухталифи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани тадқиқоти диссертатсионии номзадӣ бо ихтисосҳои гуногун ҳамчун унвонҷӯ **30 нафар** вобаста карда шудаанд, ки аз онҳо **5 нафарашон** шартномавӣ мебошанд.

**Соли 2018 дар раванди тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ унвонҷӯёни зерин тадқиқоти илмии худро ба итмом расонида дар марҳилаи ҳимоя қарор доранд, аз ҷумла:**

**1. Ҳафиззода Шодӣ Хуршед** – сардори РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия тадқиқоти диссертатсиониаш дар мавзӯи «Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28-уми марти соли 2015, Протоколи № 9) зери роҳбарии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Сотиволдиев Рустам Шарофович. Имтиҳоноти номзадиро аз рӯйи ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат бо баҳои 4 (хуб) супоридааст (шаҳодатнома таҳти № 1 аз 31-уми майи соли 2018). Тадқиқоти диссертатсионии мавсуф омода буда, санаи 2-юми июли соли ҷорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба пешдифоъ баромад ва 18 январи соли 2019 санаи ҳимояи тадқиқоти диссертатсионӣ таъйин карда шудааст;

**2. Хушвахтзода Хуршед Худойқул** – муовини сардори факултети № 4 оид ба қисми низомӣ, полковники милитсия тадқиқоти диссертатсионии номзадиаш дар мавзуи "Институт военного управления Таджикистана в VIII-XIII вв. (историко-правовое исследование)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28-уми марти соли 2015, Протоколи № 9), зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқ, Буризода Э.Б. Имтиҳони номзадиро аз фанни таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат бо баҳои 4 (хуб) супоридааст (шаҳодатнома таҳти № 1 аз 31 майи соли 2018). Тадқиқоти диссертатсионии мавсуф омода буда, моҳи январи соли 2018 дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳовадинннови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия карда шуд. 31-уми январи соли 2019 дар Шӯрои диссертатсионии ш.Оши Ҷумҳурии Қирғизистон санаи ҳимояи тадқиқоти диссертатсионӣ баъд аз супоридани маблағи муайян барои ҳимоя таъйин карда мешавад.

**3. Каримӣ Ҳамза Ҳаким (Тошов Ҳ.А.)** – сардори бахши тафтишотии шуъбаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон, капитани адлия, унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академия тадқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи «Гражданский иск в уголовном процессе Республики Таджикистан: проблемы и практики» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ зери роҳбарии илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия Нозиров Нақиб Алиевич пурра ба итмом расонидааст.

Тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Каримӣ Ҳ.Ҳ. баъди тафтиш аз ҷониби роҳбари илмӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва эродҳо ба ӯ баргардонида шудааст. Саркарда аз давраи ҳисоботии соли 2016 ягон маълумоти нав то ба имрӯз ба унвонии шуъбаи адъюнктура ворид нагардидааст;

**4. Сафаров Абдулҳаким Киромович** – собиқадори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, унвонҷӯи кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-граждании факултети № 2 Академия тадқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи «Защита чести, достоинства и деловой репутации сотрудников МВД Республики Таджикистан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 20-уми апрели соли 2015, Протоколи № 10) зери роҳбарии илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, майори политсия Юзефович Жанна Юревна ба итмом расонидааст.

Тадқиқоти диссертатсионии Сафаров А.К. бо назардошти муқаррарот ва расмиёте, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, бо роҳбари иловагии худ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Носиров Х.Т. омода карда шуда, пурра ба итмом расидааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки баъд аз таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии унвонҷӯёни шуъбаи адъюнктура камбудиҳои зерини кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муайян карда шуданд ва тибқи банди 8 қарори Шӯрои олимони Академия таҳти № 10 аз 31 майи соли 2018 ҷиҳати ҷой доштани камбудиҳои назаррас дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва бинобар сабаби иҷро накардани Нақшаи кори инфиродии унвонҷӯ 13 нафар аз сафи унвонҷӯёни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуданд.

**Шакли дигари тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тибқи шартномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ тавассути адъюнктураи муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия ба роҳ монда шудааст.** Лозим ба ёдоварист, ки ибтидо аз соли 2003, омӯзгорони кафедраҳои мухталифи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар адъюнктураи муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия сафарбар мешаванд. Ин иқдоми нек барои минбаъд такмил додани корҳои илмӣ дар Академия дастоварди назаррас буда, дар рушду такомули минбаъдаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин ин ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ ва Академия пайваста амалӣ гардида, ҳар сол теъдоди муайяни омӯзгорон барои баланд бардоштани савияи дониш ва дараҷаи илмӣ зиёд шуда истодааст. Роҳбарияти Вазорат ва Академия кӯшиш менамоянд, ки миқдори кормандони унвони илмидошта зиёд гардида, обрӯ ва эътибори Академия ва дар умум мақомоти корҳои дохилиро чӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва чӣ берун аз он муаррифӣ намоянд.

Вобаста ба ин, соли 2015 бо ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти равона сохтани кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ҷиҳати таҳсил дар адъюнктураи муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия зиёд карда шуд. Чунончӣ, тибқи Фармони муштараки ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия таҳти № 732/1117 аз 24-уми ноябри соли 2015 «Дар бораи эълон намудани қарорҳои Мушовараи якҷояи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» барои шунавандагони тоҷикистонӣ дар адъюнктураи муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия барои соли 2017 аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун миқдори муайяни ҷойҳо муқаррар карда шуда буд.

Лозим ба ёдоварист, ки соли ҳисоботӣ аз Академия танҳо **2 (ду)** нафар омӯзгор ба сафи адъюнктони муассисаҳои таълимии ВКД Федератсияи Россия, дохил шуданд.

Айни замон дар адъюнктураи муассисаҳои таълимии ВКД Федератсияи Россия, **9 нафар омӯзгорон ва кормандони** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки **солҳои 2016-2018** равона карда шуда буданд, таҳсили худро идома дода истодаанд.

## АДЪЮНКТОНИ ШАКЛИ ТАҲСИЛИ РӮЗОНА

| Р/т | Курс | Шумора | Муҳокима дар кафедра | Пешдифоъро гузаштаанд | Ҳимоя намудаанд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 | - | - | - | - |
| 2. | 2 | 2 | - | - | - |
| 3. | 3 | 2 | 1 | - | - |

## АДЪЮНКТОНИ ШАКЛИ ТАҲСИЛИ ҒОЙИБОНА

| Р/т | Курс | Шумора | Муҳокима дар кафедра | Пешдифоъро гузаштаанд | Ҳимоя намудаанд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 | - | - | - | - |
| 2. | 2 | 7 | - | - | - |
| 3. | 3 | 6 | - | - | |
| 4. | 4 | 4 | - | - | - |

## УНВОНҶӮЁН

| Р/т | Курс/сол | Шумора | Муҳокима дар кафедра | Пешдифоъро гузаштаанд | Ҳимоя намудаанд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2015 | 8 | 1 | 1 | - |
| 2. | 2016 | 4 | - | - | - |
| 3. | 2017 | 9 | - | - | - |
| 4. | 2018 | 8 | - | - | - |

## ДОКТОРАНТОН

| Р/т | Курс/сол | Шумора | Муҳокима дар кафедра | Пешдифоъро гузаштаанд | Ҳимоя намудаанд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2015 | 6 | 1 | 1 | 1 |
| 2. | 2016 | - | - | - | - |
| 3. | 2017 | 3 | - | - | - |
| 4. | 2018 | 1 | - | - | - |

## АДЪЮНКТОНЕ, КИ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ СИСТЕМАИ ВКД ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ТАҲСИЛ МЕКУНАНД:

| Р/т | Курс | Шумора | Муҳокима дар кафедра | Пешдифоъро гузаштаанд | Ҳимоя намудаанд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 | 2 | - | - | - |
| 2. | 2 | 1 | - | - | - |
| 3. | 3 | 6 | - | - | - |
| 4. | Хатм карданд | 3 | 3 | 3 | 3 |

## НАФАРОНЕ, КИ ДАР СОЛИ 2018 ТАДҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ҲИМОЯ НАМУДАНД

| Р/т | | Шумора | Номзадӣ | Докторӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Дар умум | 5 | 4 | 1 |
| 2. | Дар дохили кишвар | 2 | 1 | 1 |
| 3. | Дар хориҷи кишвар | 3 | 3 | - |

**Самти дигари иҷрои фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, тренингҳо** ва дигар чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил медиҳанд, ки дар соли ҳисоботӣ Академия дар ин самт ба дастовардҳои назаррас соҳиб гардид. **Соли ҳисоботӣ дар маҷмуъ 327 конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, викторинаҳо, озмунҳои сатҳи гуногун баргузор гардид. Соли гузашта он 173 ададро ташкил медод.** Ташкил ва баргузор намудани чунин намуди чорабиниҳои илмӣ характери умумӣ дорад на ин, ки характери фардӣ, аз ин рӯй месазад иброз намуд, ки чунин чорабиниҳо ҷиҳати рушди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ, инчунин сатҳи касбияти ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантон мусоидат менамояд. Маҳз бо баргузор намудани конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ камбудӣ ва духӯрагиҳои қонунгузорӣ муайян гардида, норасогиҳои фаъолияти амалияи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешавад.

**Аз ҷумла, соли 2018 чорабиниҳои зерини назарраси илмӣ баргузор гардиданд:**

1. **Санаи 7-уми апрели соли ҷорӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он»**, ки ба таъсиси дастгоҳи тафтишотӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шудааст, баргузор гардид.

Мақсади асосии конференсияи мазкур – аз ҷониби олимон ва кормандони амалия шунидани таклифу таҳлилҳо вобаста ба фаъолияти тафтиши ҷиноятҳо ва дурнамоӣ он буд.

Дар кори конференсия олимони барҷастаи ватанӣ, судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва роҳбарони дастгоҳҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, бори нахуст намояндагони Донишгоҳи давлатии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок намуданд.

Дар конференсияи мазкур дар маҷмӯъ 51-нафар бо мақолаҳои илмии худ иштирок намуданд, ки 31-нафари онҳоро олимони маъруфи Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои ИДМ ташкил медиҳад. Натиҷаи кори конференсия дар ҳаҷми 248-саҳифа бо теъдоди 100-нусха аз нашр бароварда шуд.

2. **25 майи соли 2018 аз тарафи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 бахшида ба 20 – солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ»** баргузор гардид.

Конференсияи мазкур бо сухани ифтитоҳии сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р., сардори Донишкадаи маълумоти баъдидонишгоҳии Академияи ВКД ш.Карагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б. Бейсенов, полковники политсия Уметов Алижан Уметович ва ёрдамчии сардори Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, майори политсия Агафонов Михаил Вячеславович оғоз гардид.

